**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 21.12.2012, №239[а] ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.**

# ФАРМОИШ
## №12-ф аз 07.12.2012

Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал
“Дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани
андози низоми соддакардашуда”

Мутобиқи муқаррароти қисми 10 моддаи 297 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Дастурамал “Дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози низоми соддакардашуда” бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Дастурамали мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Дастурамали мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.
4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ аз санаи 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.
5. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.02.2007, №1-Ф “Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал “Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад”, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.02.2007 сол,№239 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.
6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раис Юсупов П.С. вогузор карда шавад.

**Раис Н. Давлатов**